# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи « Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08–Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04–Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Замони муосирро бе истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) тасаввур кардан мумкин нест, зеро имконоти ин технология васеъ буда онҳоро дар ҳама самти фаъолияти инсон – ҳам дар истеҳсолот, дар муошират ва дар низоми таълим босамар истифода намудан мумкин.

Рисолаи Раҳимова С. Н., ки дар мавзуи хеле муҳим ва мубрам таҳия шуда, мубрамияти он доир ба истифодаи ТИК дар таҳсилот, мушахасстар, дар омодакунии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бахшида шуда, дорои зарфияти калони хизматрасонӣ ва кӯмак ба ашхоси марбут ба ин раванд дар бисёр ҷиҳатҳо зарур мебошад. Масалан, он метавонад низоми мавҷудаи таълимиро тибқи ҷомеи иттилоотии ҷаҳонӣ, расонидани хизматрасониҳои воситаҳои маҷмуӣ ва усулҳои ихтиёрдории он роҳбарӣ кунад. Истифодаи ТИК метавонад ба гузариши парадигма дар назари анъанавӣ ва усулҳои таълимӣ–ҷараёни таълим мусоидат намояд.

Истифодаи ТИК водор кардани донишҷӯён барои фаъолона иштирок кардан дар раванди таълим, гузариш аз таълими анъанавии омӯзгор ба усули муосир нигаронида шудааст. Дар ин раванд донишҷӯён дар дастрасӣ ва татбиқи дониш ва малака мустақил мешаванд, бо ин ба омӯзгорон муҳити интерактивӣ ва ҷолибтаре ва ҳам барои донишҷӯён фароҳам меорад. Нақши омӯзгоронро аз фиристодани оддии дониш ба омӯзиши мавзуъ тағйир медиҳад. Ба донишҷӯён имкон

медиҳад, ки онҳо барои омӯзиши худ торафт масъуланд, зеро онҳо бо сабаби кӯшишҳои худ иттилоот ва донишҳои мувофиқро меҷӯянд, донишҳои худро бо дигарон таҷзия ва мубодила мекунанд. Ин онҳоро водор мекунад, ки зарфияти таълимии худро дарк кунанд. Онҳо ҳатто ҳадафҳои алоҳидаи худро барои рушди зарфияти онҳо муқаррар карда метавонанд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо муаллифи диссертатсия мавзуи таҳқиқотии худро дар масъалаи "Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ" мавриди таҳқиқ қарор дода, вазифаҳои таҳқиқотро чунин баён менамояд:

-кушодани моҳият, мазмуну муҳтаво ва сохтори омодагии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ;

-муайян ва асоснок кардани самтҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгорони фанни таърих;

-муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияити касбӣ;

-муайян кардани унсурҳо ва нишондиҳандаҳои омода будани омӯзгорони ояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК ва арзёбии сифатии сатҳи самаранокии он.

Асосҳои назариявӣ, методологӣ ва замимаҳои эмпирикии рисола дуруст таҳия гардида, мақсаду вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқот ва фарзияи он муайян карда шудааст. Пойгоҳи таҳқиқот, методҳои таҳқиқотӣ ба мавзуи рисола мутобиқат мекунад.

Бобҳо ва фаслҳои рисола мантиқан дуруст таҳия шуда, мазмуни онро пурра ифода мекунанд. Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир гаштааст, ки муаллиф доир ба:

-моҳият, сохтор (истифода, умумӣ ва махсус) ва мундариҷаи таълими муаллимони оянда дар заминаи истифодаи ТИК тавсиф карда шуданд;

-ҷанбаҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии устодони омӯзгорон, истифодаи системаҳои иттилоотӣ муайян карда шуданд;

-ҷузъҳои тайёр кардани муаллими таърих нисбати истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ–ҳавасмандӣ, консепсия ва фаъолияти маърифатӣ муайян карда шуданд;

-ҷустуҷӯ, бойгоникунӣ ва нигоҳдории иттилооти касбӣ, таъсири умумӣ тавассути воситаҳои мултимедиявӣ, аз ҷумла тасвирҳои эҳсосӣ, шунавоӣ, аудиторӣ ва ҳаракаткунанда, амсиласозӣ ва тархрезии объектҳои воқеӣ ва маҷозӣ нишон дода шуданд;

-гирифтани тамоми низоми усулҳо, техника ва воситаҳои таълим ва ба таври мунтазам ҳалли муваффақонаи мушкилоти факултети таълимии таърих таъмин ва пешниҳод карда шудааст.

Рисолаи диссертатсионӣ аз ду боб, 6 зербоб, хулоса ва аз феҳриси адабиёт иборат буда, ҷавобгӯи мазмуни рисола мебошанд.

Дар боби аввали рисола таҳлили маводи бойю васеи таҷрибаи педагогии марбут ба инноватсияҳои таҳсилотӣ имкон медиҳад дар ҳар як муносибатҳои муосир асосҳои консептуалӣ, хусусиятҳои мазмуну муҳтаво, методикаҳо, мавҷудияти маводи зарурӣ барои дарки моҳияти ҷараёни инкишофи таҳсилот дида шавад.

Истифодаи муносибат ба шахс нигаронидашудаи таълимро унвонҷу бо эҳтимолияти хеле зиёд натиҷаҳои таълимро пешгӯӣ карда, ҷараёни таълимро пешниҳод намудааст ва дар ин раванд корҳои олимони зиёдро таҳлил намуда, ба таълигирандагон дар шинохти худ ба ҳайси шахсият, дар ошкор намудани имкониятҳое, ки худтасдиққунӣ, худтатбиққунӣ ва рушди нотакрории фардиятро ҳавасманд мегардонад ва кумак мерасонад, пешниҳод намудааст.

Унвонҷу дар рисолаи илмии худ консепсияҳои гуногунро оид ба мафҳуми «Асосҳои илмӣ-назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ» таҳлил намуда, сохтор ва ҷузъҳои таркибии онро аз ҷиҳати назарияви амалӣ дар омӯзиш ва таҳлили асноди меъёрӣ, инчунин, адабиёти илмии бахшида ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълим дар фанҳои гуногуни донишгоҳӣ, имкон медиҳанд, ба ҳайси се унсури асосии ҷараёни таълим тавассути ТИК донишҷӯёни факултети таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогиро ҷудо карда шудааст: ин технологияҳо, таъмини барномавие, ки дар онҳо ин технологияҳо татбиқ карда мешаванд; инчунин таъмини техникие, ки имкон медиҳад дар амал ин технологияҳои мавриди истифодаи ТИК дар ҷараёни таълими таърих қарор гирифт.

Боби дувуми рисолаи илмӣ–таҳқиқотӣ «Таъмини самаранокӣ ва татбиқи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад.

Дар зербоби якуми боби дуюми рисола «Таъмини навгониҳои технологии донишҷӯён дар истифодаи ТИК дар раванди таълим» бо таваҷҷуҳ ба инкишофи технологияи компютерӣ, паҳншавии алоқаи Интернетӣ технологияҳои таҳия кардашудаи низоми таҳсилот низ беҳтару хубтар мегардиданд. Барномаҳои таълимӣ, ки ба самти бисёр хурди таълим хизматрасонӣ мекарданд, бозбинӣ навсозӣ гардидаанд ва дар онҳо воситаҳои хеле калони иттилоотӣ ва мултимедӣ ҷалб карда шуданд.

Дар зербоби дуюми диссертатсия «Татбиқи амсилаи иттилоотонидани омӯзгорони ояндаи таърих дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бошад, марҳилаҳои асосии озмоиши педагогии гузаронидаи унвонҷӯ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегиранд. Дар ҷараёни гузаронидани он самаранокии шароитҳои

педагогии ташаккули омодагии омӯзгорониояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба истифодаи ТИК-и таълимӣ дар факултети таърих санҷида шудаанд.

Корҳои озмоишӣ доир ба ташаккули донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ нисбат ба истифодаи ТИК-и таълимӣ дар пойгоҳи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин маълумот гурӯҳҳои озмоишӣ дар ҳайати 78 нафар муайян карда шуда буданд, гурӯҳҳои назоратӣ бошанд, 30 нафар (ихтисоси таърих), дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ ва дар факултети таърих ва ҳуқуқ 48 нафар (информатика) Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ташкил медоданд гузаронида шудааст.

Дар охир натиҷаҳои ба даст овардаи унвонҷӯ, ки истифодаи унсурҳои ТИК салоҳиятнокии гурӯҳи озмоиширо нишон медиҳад, баррасӣ намудааст.

Пурсидашудагон ба масъалаи истифодаи ТИК дар фаъолияти таълимӣ, инчунин, фаъолияти ғайридарсӣ аз дарсӣ ва иҷтимоӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба мутобиқшавии муваффақонаи донишҷуён мусоидат мекунанд, баҳои хеле баланд додаанд.

Барои назорат кардани сифатҳои зерини малакаҳо интихоб карда шуда буданд: умумӣ (кор бо системаи файлӣ), кор бо редактори матнӣ, кор бо ҷадвалҳои электронӣ, сохтани презентатсияҳо (муаррифиномаҳо), ҷустуҷӯ дар Интернет, доштани почтаи электронӣ, ҳамон тавре ки мушаххас шуд, донишҷӯён дар кори худ имкониятҳои тағйирёбандаи барномаҳои хеле содаро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия «Таҳлили натиҷаҳои умумии таҳқиқот» диссертатсияи муаллиф доир ба ташхиси натиҷаи муташаккилии ТИК-и омӯзгорониояндаи таърих анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардашударо, ки унсурҳои ТИК-и таълими гурӯҳҳои озмоиширо тавсиф менамояд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар ҷамъбати таҳқиқот бо мақсади муайян намудани натиҷаҳои бадастомада, дар гурӯҳҳои озмоишию муқаррарӣ вобаста ба қисматҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ–баҳодиҳӣ, рафтор, рефлексия ва худбаҳодҳӣ оид ба сатҳи истифодаи ТИК дар ҷараёни таълими таърих донишҷӯён санҷиши ҷамъбастӣ гузаронида шудааст, ки ҷавобҳои онҳо дар ин марҳила нишондиҳандаи сатҳи баланди технологияҳои нави иттилоотие, ки ба таври фаъолона дар таҳсилоти касбӣ тасдиқ менамояд.

Корҳои илмии ба табъ расидаи унвонҷӯ 11 ададро ташкил медиҳанд, ки 5 тоаш дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и ФР нашр гардида, боқимонда дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Таҳлили рисола нишон медиҳад, ки дар баробари муваффақиятҳо, баъзе норасоиву камбудиҳо низ ҷой доранд, ки рафъи онҳо ва тавсияҳо ба кори минбаъдаи таҳқиқотии унвонҷӯ аз манфиат холӣ нест:

1. Агар дар рисола корҳои олимони ватанӣ оид ба методикаи таълими фанни таърих таҳлил мегардид, арзиши таҳқиқот баландтар мешуд.

2. Дар рисола бо истифода аз ТИК ягон мавзуи фанни таърих мушаххасан таҳлил карда нашудааст.

3. Дар рисола хатоҳои имловию техникӣ (саҳ. 5, 13, 18, 21, 172 ва ғайра) ба назар мерасанд.

Аммо камбудӣ ва эродҳои зикршуда асосан характери тавсиявӣ дошта ислоҳшавандаанд ва арзиши илмии диссертатсияро кам намесозанд.

Автореферат мазмуни мухтасари диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» таҳқиқоти комил ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08–Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04–Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
профессори кафедраи алгебра ва геометрияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Сатторов Абдурасул Эшбекович
05.04. 2024

Имзои д.и.п., профессор А.Э. Сатторовро тасдиқ мекунам.

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" Шукурзод Ҷ.А.*

Нишонӣ: 734140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, к. Айнӣ, 67.
Тел: (+992) 987-67-57-73
E-mail: asattorov50@mail.ru